آواز تاجیک

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

15 майи соли 2024 Чоршанбе

№ 38 (15049)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# БА НАТИҶАИ БОСАМАРИ ФОРУМИ ЗАНОНИ ОСИЁ БАҲОИ БАЛАНД ДОДА ШУД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 14 май ҳайати Созмони Милали Муттаҳидро зери роҳбарии муовини Котиби генералӣ, директори иҷроияи ниҳоди «СММ – занон» Симо Самеъ Бохус қабул кард.**



Ҳайати СММ аз мамлакатамон дар доираи барномаи Форуми занони Осиё боздид ба амал меорад, ки чорабиниҳои он дар ин рўзҳо дар шаҳри Самарқанд ба вуқўъ пайвастанд.

Роҳбари институти пешқадами низоми Созмони Милал оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ ба роҳбари давлатамон паёми самимӣ ва беҳтарин таманноҳои Котиби генералӣ Антониу Гутерришро расонд.

Ислоҳоти босамари дар Ўзбекистон татбиқгарданда, ки ба куллан беҳтар намудани вазъият ва боло бурдани мақоми зан дар ҷамъият нигаронда шудааст, олӣ арзёбӣ гардид.

Зимни мулоқот масъалаҳои минбаъд амиқсозии шарикии созандаи мамлакатамон бо сохтори «СММ – занон» баррасӣ гардиданд.

Бояд таъкид кард, ки Ўзбекистон ба тамоми конвенсияҳои асосии байналхалқӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва пеш бурдани манфиатҳои зан ҳамроҳ гардида, дар кори Комиссияи марбути СММ фаъолона иштирок менамояд.

Натиҷаи босамари Форуми занони Осиё олӣ арзёбӣ гардид. Аҳамияти трансформатсияи он ба платформаи доимоамалкунандаи гуфтугў оид ба масъалаҳои васеъ намудани ҳуқуқи зан дар минтақаи Осиё таъкид шуд.

Ногузирии қабул намудани Барномаи дуҷонибаи ҳамкорӣ ба истиқболи миёнамуддат, ки лоиҳа ва чорабиниҳои мушаххас, аз он ҷумла ҳамкории минтақавиро фаро мегирад, таъкид шуд.

Кушодани намояндагии сохтори «СММ – занон» дар мамлакатамон дастгирӣ шуд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ҲАМОИШИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАНОНИ ОСИЁ БО ҚАБУЛИ ҚАТЪНОМА БА ПОЁН РАСИД

***13-14 май дар шаҳри Самарқанд ҳамоиши байналмилалии занони Осиё таҳти унвони «Муносибати минтақавӣ ба масъалаҳои васеъ гардондани ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, имкониятҳои занон» баргузор гардид.***

Иштирокчиёни ҳамоиш, ки бештар аз 400 нафарро ташкил менамуд, аз намояндагони парлумонҳо, ноибони сарони ҳукуматҳо, фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ, занони соҳибкор, сиёсатшиносон, олимон, намояндагони бахши иқтисодии 30 кишвари Қораи Осиё ва Ўзбекистон иборат буданд.

Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон Танзила Норбоева дар маросими ифтитоҳи ин ҳамоиш Паёми Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёевро ба иштирокчиёни он хонда дод.

– Имрўз таъмини иштироки фаъолонаи занон дар идоракунии давлатӣ, иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ-академӣ ва фарҳангию гуманитарӣ аз пештара дида муҳимтар аст. Ин масъала, бахусус дар шароите, ки ноустувории сиёсиву иқтисодӣ дар миқёси ҷаҳон идома дорад, низоъҳои гуногун ва хатарҳои нав зиёд аст, боз ҳам муҳимтар мегардад. Маориф, нигаҳдории тандурустӣ, технологияи иттилоотӣ, иқтисодиёт ва бисёр соҳаҳои дигар бо суръат пеш рафта истодаанд. Албатта, нақши занон ва ҳиссаи бузурги онҳоро дар ноил шудан ба чунин дараҷаи баланди тараққиёт инкор кардан имконнопазир аст, – изҳор намуд Танзила Норбоева.

– Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки кишварҳои қитъаи Осиё дар ҳифзи ҳуқуқи занон, аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ кардани онҳо ва таъмини баробарии гендерӣ таҷрибаи ғанӣ доранд. Солҳои охир рушд дар ҳама соҳаҳо таъмин гардида, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ тадбирҳои васеъ амалӣ мешаванд. Таъкид гардид, ки бо иштироки ширкатҳои бонуфуз ва брендҳои бузурги ҷаҳон ҳазорон лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва саноатӣ роҳандозӣ шуда, садҳо ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд. Раиси Сенат ишора намуд, ки сармояи инсонӣ ва захираҳои меҳнатӣ ҳамчун сарвати асосӣ ва воситаи ҳалкунандаи ноил шудан ба натиҷаҳо ба ҳисоб меравад. Маҳз иштироки фаъолонаи занон дар иқтисодиёт омили муҳим мегардад.

Ба гуфтаи ў баргузории ин ҳамоиш ҷиҳати таъмини баробарии гендерӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон, ки дар умури давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пурсамар меҳнат мекунанд, босамар хидмат хоҳад кард. Барои ҳамин месазад, ки иштироки занон дар соҳаҳои идораи давлатӣ, сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангӣ бештар рушд намояд.

Симо Самеъ Бохус, муовини Дабири кулли СММ ва мудири иҷроияи «СММ-занҳо» дар ин ҳамоиш гуфт, ки ҷаҳони имрўза бо бўҳронҳои сершумор рўбарў аст ва занону духтарон дар сафи пеши оқибатҳои харобиовари ин бўҳрон қарор доранд.

– Имрўз дар қитъаи Осиё 4,82 миллиард нафар зиндагӣ мекунанд, ки ин 60,6 дарсади аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, 2,3 миллиард ё 48,8 дарсади ҷамъияти ин қитъаро занон ташкил медиҳанд. Аз ин рў, масъалаҳои ба кор андохтани имконияту неруи занони минтақа, боз ҳам вусъат додани иштироки онҳо дар иқтисодиёт, пурзўр намудани нақши занон дар идоракунии давлат ва ҷамъият ниҳоят муҳим аст, – иброз дошт хонум Бохус. – Аз ҳар се зан як нафар дар саросари ҷаҳон – дар хона, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва кор, дар платформаҳои гуногуни ВАО зўроварӣ ва таъқибро аз сар мегузаронад.

– Мо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон дар бораи баргузор намудани ҳамоиши занони Осиёро пурра дастгирӣ мекунем, ки дар Иҷлосияи 78-уми Ассамблеяи Генералии СММ баён кардааст. Моҳи апрели соли равон, дар арафаи сафари давлатии Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе таҳти унвони «Пешбурди баробарии гендерӣ ҳамчун ҳадафи рушди устувор» мулоқоти занони Тоҷикистон ва Ўзбекистон баргузор гардид. Дар боби пешбарии баробарии гендерӣ мо таҷриба иваз намудем, – гуфт ноиби раиси Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон Мавсума Мўинзода.

Тавре ки вай тазаккур дод, рушди иқтисоди замони муосир, тақсими захираҳо, амнияти давлат ва дипломатия, ташаккулёбии сиёсати давлатҳо ва минтақаҳо, дар маҷмўъ рушди устувори ҷаҳон аз беҳбуди вазъи занон ва таъмини баробарии ҳуқуқи онҳо вобаста аст.

Дар идома ҳамоиши байналмилалии занони Осиё таҳти раёсати вакили Олий Маҷлиси Ўзбекистон дар умури ҳуқуқи инсон (Омбдусман) Фирўза Эшматова ва намояндаи доимии Хазинаи аҳолишиносии СММ дар Ҷумҳурии Ўзбекистон ва мудири ин хазина дар Тоҷикистон Нигина Аббосзода баргузор гардид.

Ҳамоиши байналмилалии занони Осиё дар Самарқанд тарҳи Қатъномаро ба ҳайси асос қабул кард ва ба кори худ хотима бахшид.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири махсуси «Овози тоҷик».**

*САМАРҚАНД.*

# ОЗМУНИ «ҚАЛАМИ ТИЛЛОӢ – XVIII» ҶАМЪБАСТ ШУД

***Дар қасри анҷуманҳои байналхалқии «Ўзбекистон» маросими ботантанаи тақдиронидани ғолибон ва ҷоизадорони озмуни эҷодии миллии журналистон «Қалами тиллоӣ – XVIII» баргузор гардид.***

Ёдовар мешавем, ки озмуни байналмилалии «Қалами тиллоӣ»-ро Иттиҳоди эҷодии журналистони Ўзбекистон дар якҷоягӣ бо фонди ҷамоатии «Илҳом» ва дигар ташкилотҳои мутасаддӣ ташкил намуд.

Ба озмун маводҳои беҳтарини дар рўзнома ва маҷаллаҳо чопшуда, барномаҳои радио ва телевизионӣ, нашриёҳои интернетӣ доир ба номинатсияҳои гуногун супурда шудаанд.

Дар анҷуман намояндагони сафоратхонаҳои мамлакатҳои хориҷӣ дар Ўзбекистон, адибон, шоиру нависандагон, рўзноманигорони маҳаллӣ ва хориҷӣ, журналистони ҷавон ва блогерҳо иштирок намуданд.

– Бино ба созишномаи байни иттиҳодияҳои журналистони Ўзбекистону Тоҷикистон, ки моҳи майи соли 2022 ба имзо расида буд, ҳамкорӣ дар мубодилаи афкори мо чӣ дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳанг, маънавияту маърифат торафт густариш меёбад, ки ин албатта бо сиёсати хирадмандонаи роҳбарони ду давлат мебошад. Дар ҳар ду кишвар муҳити эҷод барои аҳли қалам фароҳам аст. Аз фурсат истифода бурда, ғолибон ва ҷоизадорони озмуни байналхалқии «Қалами тиллоӣ»-ро аз номи аҳли эҷоди Тоҷикистон табрику муборакбод менамоям, – гуфт ҳангоми суҳбат раиси Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон Зинатулло Исмоилзода.

Дар озмуни байналхалқӣ наздик ба 600 вакили ВАО- и маҳаллию хориҷӣ бо беш аз 4 ҳазор кори эҷодии худ иштирок намуданд. Дар чаҳорчўби иҷрои қарори Президент аз 27 июни соли 2022 «Дар бораи чораҳои дастгирии воситаҳои ахбори оммавӣ ва рушди соҳаи журналистика» аз соли 2023 инҷониб номинатсияҳои рағбатноккунӣ аз 5 то 12 зиёд карда шуд.

Иштирокдорони озмун аз рўи номинатсияҳои «Барои китоби беҳтарин дар жанри публитсистика», «Барои фоторепортажи беҳтарин» нисбат ба соли гузашта се баробар афзудааст.

Дар озмуни байналхалқӣ мукофоти олӣ – туҳфаи Президент автомобили тамғаи «Tracker» насиби шабакаи телевизионии нодавлатии «Uzreport TV» гардид.

Дар чорабинии тантанавӣ ба ғолибон ҳайкалча, диплом ва ҷоизаҳои пулӣ супорида шуд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Самараи ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар Ўзбекистон татбиқ мешаванд, барои қаробат ба низоми иқтисодиёти ҷаҳон, ба хусус инкишоф додани муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ бо кишварҳои ҳамҳудуд вобаста мебошад. Аз ин рў ҷараёни қаробати мазкур аз масъалаҳои рўзмарраи кунунӣ ба шумор меравад.***

# МУНОСИБАТИ УМУМӢ БА ДИГАРГУНИҲОИ ҶАҲОНИИ ИҚЛИМ

Тадқиқот нишон доданд, ки дар ин бобат Иттифоқи иқтисодии Авроосиё дар ҳудуди Иттиҳоди собиқ аз ҷумлаи чунин лоиҳаҳои истиқболнок мебошад. Шартнома дар бораи Иттифоқи иқтисодии Авроосиё, ки саравал дар байни Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Белорус бо қарор «Дар бораи иттифоқи гумрук» оғоз ёфта, баъдтар ба он ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Арманистон ҳамроҳ шуда буданд, соли 2014-ум имзо шудааст.

Иттифоқи иқтисодии Авроосиё ташкилоти байналхалқии дорои мақоми юридикӣ буда, бинобар таърихи ташаккулёбӣ ва рушди амалиёти худ ба сифати аз ҳар ҷиҳат бозсозӣ кардани иқтисодиёти миллӣ, ҳамкорӣ ва афзун намудани рақобатбардории давлатҳои аъзо, ҳамчунин баланд бардоштани дараҷаи ҳаёти аҳолии ин кишварҳо дар маркази эътибори ҷомеаи ҷаҳон қарор гирифт. ИИАО ҳаракати озоди молҳо, хидматҳо, сармоя ва нерўи корӣ, ҳамчунин ба амал татбиқ гардидани сиёсати мувофиқ ё худ ягонаи шабакаҳои иқтисодиро таъмин менамояд.

Ўзбекистон 11 декабри соли 2020-ум дорои мақоми мушоҳиди ИИАО гардид. Ин мақом имконият медиҳад, ки ҷумҳурӣ ба ҷамъомадҳои ИИАО иштирок кунад, бо ҳуҷҷатҳое, ки дар доираи Иттифоқ қабул гардидаанд ва ғайра шинос шавад.

Он чиз боиси эътибор мебошад, ки бо истифода аз имкониятҳои дастраси мақоми мушоҳид ба ИИАО натиҷаҳои саъю ҳаракати ягона ба чашм расиданд. Пас аз ташкил ёфтани ИИАО дар байни давлатҳои иттифоқ ва Ўзбекистон ҳаҷми мубодилаи мол ду баробар афзуда, он соли сипаришуда аз 11 миллиард доллар гузашт.

Президенти мо Шавкат Мирзиёев 8 май ба сифати роҳбари давлати мушоҳид ба шаҳри Маскав рафт ва дар ҷамъомади ҷашнии Шўрои олии иқтисодии Авроосиё иштирок намуд.

Роҳбари давлати мо ҳангоми суханрониаш дар қатори бисёр масъалаҳои рўзмарра қайд намуд, ки бо мақомоти Иттифоқи иқтисодии Авроосиё бинобар самтҳои муҳим бояд ҳамкориҳо бештар карда шаванд. Ба хусус, масъалаҳои инкишоф додани агроэкспресси Авроосиё, ҷорӣ намудани технологияҳои «сабз» ва сарфаи об, созмон додани кластерҳои муштараки агросаноатӣ ва марказҳои логистикӣ, коркарди муносибатҳои умумӣ барои бартараф кардани оқибатҳои тағйироти иқлим ва ҳамкории қарин аз ин ҷумла мебошанд. Дар ин бобат пешниҳод гардид, ки яке аз ҷамъомадҳои навбатии Гурўҳи корӣ дар Ўзбекистон гузаронида шавад. Баробари ин барномаҳои сайёҳӣ, ки ба куллан зиёд кардани табодули сайёҳӣ ва масъалаи истеҳсоли маҳсулот нигаронида шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Равшан аст, ки инкишоф додани равандҳои «иқтисодиёти сабз» нафақат ба як давлати маълум, балки барои рушди барқарори тамоми минтақа имконият фароҳам меоварад. Бинобар ҳамин ҳам соли 2009-ум 34 кишвар ба баённомаи «Иқтисодиёти сабз» имзо гузоштанд ва бо ин сайъу ҳаракатҳои худро дар самти мазкур мустаҳкам намуданд.

Бояд гуфт, ки дар кишвари мо ҳам бобати васеъ ҷорӣ намудани тамоюлҳои «иқтисодиёти сабз» чораву тадбирҳои амалӣ татбиқ карда мешаванд. Барои ин, пеш аз ҳама, асосҳои ташкиливу ҳуқуқии соҳа фароҳам оварда шуданд, манбаъҳои молиявӣ муайян гардиданд. Аз ҷумла, бобати истифода аз манбаъҳои энергияи нав, ки тамоюли асосии «иқтисодиёти сабз» ба шумор меравад ва ҷорӣ намудани он ба дигаргуниҳои чашмрас муваффақ шуданд. Мувофиқи маълумот соли равон саҳми «энергияи сабз» дар истеҳсолоти тамоми энергияи электрии мамлакат ба 15 фоиз мерасад. Бояд гуфт, ки нишондиҳандаи мазкур 5 сол пеш 1 фоизро ҳам ташкил намедод.

Иқдоми умумимиллии «Макони сабз», ки ҳар сол дар кишварамон амалӣ карда мешавад, корҳое, ки барои дар қаъри баҳри хушкидаи Арал 5 соли охир ташкил намудани 1,8 миллион гектар ҷангалзор, ҳамчунин ба 25 фоиз расондани майдони умумии соҳати заминҳои фонди ҷангал ё худ ба 14 фоиз расидани ҳудуди майдонҳои табиии ҳифзшаванда, на фақат ба манфиати миллии Ўзбекистон, балки ба манфиати давлатҳои минтақа низ хидмат мекунанд.

Ба ин маънӣ, беш аз пеш, беҳтар намудани ҳамкориҳо дар самти мазкур бо давлатҳои аъзои ИИАО имконияти самарбахшии мақсад ва вазифаҳои устувори миллии моро фароҳам меоварад.

Ба тарзи умумӣ бигуем, таклиф ва ташаббусҳое, ки дар ҷамъомади Шўрои олии иқтисодии Авроосиё пеш гузошта шуданд, баробари вусъат додани манфиатҳои тарафайни ҳамкорӣ, бобати мустаҳкам кардани дўстӣ ва шарикии байни кишвару халқҳоямон низ иқдоми амалӣ хоҳад шуд.

**Ислом ХУШВАҚТОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

*Пас аз ташрифи Президент...*

# ЭЪТИБОР ВА ҒАМХОРӢ НИСБАТИ ЭҲТИЁҶМАНДОН – ҶУЗВИ ҶУДОНОПАЗИРИ СУННАТҲОИ МАЪНАВИИ ХАЛҚИ МО

***Ҳуқуқи шахсони ногиро ва пирони танҳо – шаҳрвандони ғайри қобили меҳнат ва дигар табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ эҳтиёҷманди аҳолӣ аз ҷониби давлат муҳофизат карда мешавад. Ин дар Қонуни Асосӣ, ки дар таҳрири нав қабул гардид, сабт шудааст.***

Халқи мо ягонагии сухан ва корро қадр менамояд. Алҳол дар мамлакат бобати пурзӯр кардани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва вусъат додани ҳаҷми хидматҳои иҷтимоӣ, ки ба шаҳрвандон аз ҷониби давлат пешниҳод мешаванд, мунтазам кор бурда мешавад.

1 июни соли 2023-юм Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи чораҳои маҷмӯӣ бинобар хидматрасонии босифати иҷтимоӣ ва кумакрасонӣ ба аҳолӣ, ҳамчунин ба роҳ мондани низоми назорати самарабахши онҳо» имзо шуда буд.

Мувофиқи ҳуҷҷати мазкур Оҷонсии миллии ҳифзи иҷтимоии назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, раёсатҳои он дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, ҳамчунин марказҳои хидматрасонии иҷтимоии «Инсон» дар ноҳия ва шаҳрҳо таъсис ёфтанд. Баробари бисёр дигар муассисаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла пансионат ва марказҳои эҳё хона-интернатҳои «Мурувват» низ ба низоми оҷонсӣ дода шуданд. Хулоса, мустақимӣ ва манзилнокии ислоҳоте, ки дар соҳа татбиқ мегарданд, таъмин карда мешавад.

Ҷараёни татбиқсозии чораҳо дар самти мазкур дар маркази эътибори доимии роҳбари давлат қарор дорад. Аз ин хусус он санад шаҳодат медиҳад, ки Президент Шавкат Мирзиёев 19 март ба хона-интернати бачагони ногирои рақами 1-и «Мурувват», ки дар пойтахт ҷойгир мебошад, ташриф овард.

– Тӯли панҷ-шаш соли охир маблағҳое, ки аз буҷаи давлатӣ барои хона-интернатҳои «Мурувват» ҷудо карда мешаванд, се баробар зиёд карда шуданд, – гуфт сардори шуъбаи Оҷонсии миллии ҳифзи иҷтимоии назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Азимҷон Дадабоев. – Аз ҷумла, соли гузашта ин рақам ба 624 миллиард сӯм расид. Ҳамчунин дар муқоиса бо соли 2019-ум маблағҳое, ки барои таъмин кардан бо дорувор ва ашёи зарурии таъиноти тиббӣ ҷудо карда мешаванд, беш аз ду баробар афзуд. Ин боз як тасдиқи он мебошад, ки дар кишвари мо масъалаи боло бардоштани шаъну шарафи инсон аз ҳама муҳим аст.

Ҳамчунин низоми дастгирии ҳамаҷонибаи тарбиягирандагони чунин хона-интернатҳо, ки таҳти васоят қарор доранд, такмил меёбад, барои мустаҳкам кардани мақоми онҳо дар ҷомеа чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Хона-интернати рақами 1-уми «Мурувват» ба бачагони ногирои аз 4 то 18-солаи руҳан маъюб хидматҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ мерасонад. Алҳол дар ин ҷо 299 духтарону писарон нигоҳубин карда мешаванд. Дар муассиса 334 нафар, аз ҷумла 228 духтур, кормандони шуъбаи тиббӣ ва 48 нафар омӯзгорони соҳибихтисос меҳнат мекунанд.

– Президент ҳангоми боздидаш аз муассисаи мо бо бачагон аз таҳти дил суҳбат кард, ҷараёни машғулиятҳоро мушоҳида намуд, шароитҳои фароҳамовардашударо аз назар гузаронд, – гуфт муовини роҳбари хона-интернати «Мурувват» Шоира Шермуҳаммедова. – Дар ин ҷо муҳити хуб ҳукмфармост, мо ғамхории роҳбари давлатро нисбати бачагони худ эҳсос менамоем, ҳар кадом шуъба, биноҳои махсус мувофиқи талаботи зарурӣ муҷаҳҳаз карда шудаанд, аёниятҳои услубӣ низ нав шуданд. Пештар хонаҳои «Мурувват» бо ҳамдигар ҳамкорӣ надоштанд, ҳоло бошад мо бинобар ғояҳои ҳамдигар мубодилаи афкор мекунем, усулҳои нави самарабахшро ҷорӣ менамоем.

Тӯли ду соли охир дар муассиса корҳои васеъмиқёси бинокориву таъмирӣ гузаронида шуданд. Толори тобистонаи варзишӣ, шуъбаҳои тиббӣ, бино барои нигоҳубини ногироҳо ва тарбияи тиббии бадан, кабинетҳои таълимиву тадрисӣ, толори ҷамъомадҳо, китобхона, хобгоҳ, ошхона, хонаҳо барои вохӯрӣ бо падару модарон симои куллан нав пайдо карданд. Шабакаҳои гармидиҳӣ ва муҳандисӣ нав карда шуданд.

Дар ҳудуди хона-интернат дарахтони манзаравӣ ва мевадеҳ шинонда, чароғҳои равшанидиҳӣ устувор карда шуданд, пайроҳаҳои дохилӣ асфалтпӯш гардиданд.

**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

***Дар Тошканд бобати роҳҳои пешгирӣ ва муолиҷаи одамони мубталои бемориҳои онкологӣ анҷуман баргузор шуд. Гуфта шуд, чизи асосие, ки бояд дар пешгирии бемориҳои онкологӣ анҷом дод, гузаронидани муоинаи профилактикӣ дар байни аҳолӣ мебошад. Зеро бемориҳои онкологӣ имрӯз ба насли нисбатан ҷавонтар таҳдид намудааст, ҳатто дар байни занҳо теъдоди мубталоёни ин гуна бемориҳо афзоиш меёбад.***

# БЕМОРИИ ОНКОЛОГӢ «ҶАВОН»-ТАР МЕГАРДАД

Ин конфронс таҳти унвони «Дастовардҳои MIOT CHRISTIE дар соҳаи онкология» барпо шуд. Гуфта мешавад, Бунеди Christie NHS табобатеро пешниҳод мекунад, ки ҳеҷ як беморхонаи дигари ҷаҳон дар робита ба табобати саратон таъмин карда наметавонад.

Дар конфронс ба ҳайси яке аз сабабҳои пайдоиши ин бемор ӣ моддаҳои кантсерогении саратон зикр гардид. Ба гуфтаи мутахассисон дар ғизо ва нӯшокиҳое, ки мардуми мо истеъмол мекунанд, инчунин дар ҳавои нафасгиранда бисёр кантсерогенҳои заҳролуд мавҷуданд.

Ба ақидаи онҳо бемориҳои гуногуни вирусӣ ва бактериявӣ низ метавонанд ба рушди баъзе намудҳои бемориҳои онкологӣ ё саратон оварда расонанд.

Стресс ё фишори равонӣ яке аз сабабҳои дигари пайдоиши бемориҳои саратон мебошад. Дар баробари ин, бефаъолиятӣ, хӯрдану хоб рафтан ва аз ҳад зиёд фарбеҳшавии инсон низ метавонанд боиси пайдо шудани бемор ӣ гардад.

– Дарвоқеъ, бемориҳои онкологӣ чун дар тамоми ҷаҳон дар кишвари мо низ сол то сол зиёд мешаванд. Ҳамасола дар саросари ҷаҳон дасткам бист миллион беморон ба қайд гирифта мешаванд. Бояд чораҷӯӣ намуд, ки пеши роҳи паҳншавии ин бемории хавфнок гирифта шавад. Барои ин дар байни аҳолӣ фарҳанги саломатиро бештар бояд тарғибу ташвиқ намуд, – гуфт мудири кафедраи онкологияи Академияи тиббии Тошканд, шифокори шуъбаи кимё-терапияи ҷумҳуриявии махсусгардонидашудаи онкология ва радиологияи илмию амалӣ, доктори фалсафа оиди фанҳои тиб Дилбар Алмуродова.

Дар конфронс аз Тоҷикистони ҳамҷавор 52 нафар мутахассисони соҳаҳои гуногуни тиб ширкат варзиданд. Онҳо дар конфронс ба диққати иштирокчиёни он панҷ маърӯзаи илмӣ тақдим намуданд.

– Дар маърӯзаҳои мутахассисони мо маҳз роҳҳои пешгирӣ ва муолиҷаи бемориҳои онкологӣ дар замони муосир матраҳ гардиданд, – изҳор кард муовини директори Муассисаи давлатии Маркази илмии саратоншиносии Тоҷикистон Акбар Муродов.

Дар конфронс боз як омили муҳим қайд карда шуд. Шумораи аҳолии ҷаҳон сол то сол зиёд шуда, дарозии умри аҳолӣ низ меафзояд. Масалан, соли 1975 аҳолии кураи замин 4 миллиард нафар буд, ҳоло ин рақам ба 8 миллиард наздик шудааст, яъне ду баробар афзудааст. Бо зиёдшавии теъдоди аҳолии олам теъдоди беморони онкологӣ низ рӯ ба афзоиш хоҳад овард. Аммо мизони ба бемориҳои саратонӣ гирифтор шудани одамон ҳаргиз нишонаи он нест, ки тиб дар ҳамон кишвар рушд наменамояд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Филиали қарақалпоқистонии Иттиҳодияи «Ҳунарманд», Агентии кор ба ҷавонон, филиали қарақалпоқистонии бунёди «Ҷавонон – ояндаи мо» ба мақсади дастгирӣ намудан ва фароҳам овардани шароити қулай ба шаҳрвандони ногиро, ба роҳ мондани фурӯши маҳсулоте, ки маҳсули дастии ҳунармандони ногиро мебошад, ярмарка ташкил намуд.*

***Дар сурат:*** *дар ярмарка.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

## ХАБАРҲО

### ТАРТИБИ НАВИ «ЗАНГИ ОХИР» ДАР МАКТАБҲО

***Аз ҷониби Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ барои муассисаҳои таълими умумӣ оиди гузаронидани чорабиниҳои ҷамъбастӣ бинобар ба охир расидани соли таҳсили 2023-2024 тавсияҳо кор карда баровардa шуд.***

Навъе хидмати ахбори вазорат маълум менамояд, чорабиниҳои «занги охир» дар муассисаҳои таълими умумӣ 25 майи соли равон аз соати 8:00 то 9:00 ташкил карда мешавад.

Ба чорабиниҳо аз миқдори хонандагони мактаб баромада омада, танҳо донишандӯзони синфҳои 1, 4, 9 ва 11 ҷалб карда мешаванд. Баҳри муташаккилона гузаронидани «занги охир» фаъолони маҳаллаҳо, падару модарон, вакилони идораҳои ҳифзи ҳуқуқ дар вазъи риоя ба қоидаҳои пешгирии сӯхтор ва амнияти техникӣ ҳамдастӣ менамоянд.

Муаллимони собиқадор, падару модарони фаъол, пешқадамони маҳалла, собиқ хатмкардагоне, ки ба дигарон намунаанд, ба чорабинӣ таклиф карда мешаванд. Хатмкунандагони иқтидорноке, ки дар давоми сол бо хониши аъло ва хулқи хуб намунаи ибрат буда, дар рейтингҳо ба натиҷаҳои баланд ноил шудаанд, рағбатнок гардонда мешаванд. Айни замон ба падару модарони фаъол аз рӯйи номинатсияҳои «Падари фаъол», «Модари ҷонсӯз», «Падару модари масъулиятшинос», «Падари хонандаи пешқадам», «Модари толибаи аълохон» ташаккурномаҳо супурда мешавад.

### БА ТАЪЛИМ ФАРОГИРИИ ДУХТАРОН

***Дар «Форуми занони Осиё», ки дар Самарқанд баргузор гардид, баромади раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева асосан ба масъалаи фарогирии бонувон ба таълим бахшида шуд.***

Вай қайд кард дар мамлакати мо эътибор ба таълим ва муассисаҳои таълимӣ ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст. Ба илму дониш фарогирии занону духтарон бошад, ғамхорӣ боз бештар аст. Масалан, барои ин кор кредитҳои имтиёзнок, квотаҳои махсус ҷудо карда шудааст. Ба духтароне, ки дар магистратура мехонанд, ҳақи шартномавӣ аз буҷаи давлатӣ пардохта мешавад.

Агар дар соли 2017 донишҷӯдухтарон дар муассисаҳои таълими олии Ўзбекистон ба ҳисоби миёна 9 фоизро ташкил кунанд, ҳоло ин нишондиҳанда ба 43 фоиз расидааст. Албатта, оянда масъалаи фарогирии духтарон ба таълим боз ҳам долузарбӣ касб карда, ин ба болоравии фаъолнокии сиёсиву иҷтимоии онҳо мусоидат хоҳад кард, гуфт Танзила Норбоева.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

### МАВЗӮЪ: ТОБОВАРИИ БИНОҲО БА ЗАМИНҶУНБӢ

***Дар Садорати сохтмон ва хоҷагии коммуналии хонаю ҷойи вилояти Бухоро таҳти мавзӯи «Тадбирҳои афзун гардондани ба зилзила тобоварии биною иншоот, инчунин такмил додани фаъолияти мониторинги хатари сейсмикӣ» семинар ба амал омад.***

Дар он мутахассисони АИ Ўзбекистон, масъулони инспексияи назорати соҳаи сохтмон ва хоҷагии коммуналии хонаю ҷой, мутасаддиёни Садорати вазъиятҳои фавқулода, намояндагони ташкилотҳои лоиҳа иштирок карданд.

Дар семинар бобати ҷорӣ намудани усулҳои замонавии муносибат ба таъмини бехатарии сейсмикӣ, зиёдтар намудани иқтидори тобоварии биною иншоот ба заминҷунбӣ, кор карда баромадани роҳҳои нави донистани пешакии заминларза ва барпо намудани низоми муосири омодагӣ ба он фикру ақидаҳо гуфта шуданд. Иштироккунандагони семинар ба саволҳои зиёди худ ҷавоб гирифтанд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

### РАИСИ СУД ҚАБУЛИ САЙЁР ГУЗАРОНД

***Дар griномаркази «Марҳабо, ба кор»-и шаҳри Самарқанд бо иштироки раиси суди вилоят Олим Ҳайитов ва раиси суди маъмурии вилоят Тоҳир Файзиев қабули сайёр баргузор гардид.***

Дар оғози чорабинӣ мавриди ислоҳоти сохтори суду ҳуқуқ, навгониҳои қонунгузорӣ сухан рафт.

Дар ҷараёни қабул муроҷиати 67 нафар шаҳрвандон оиди масъалаҳои ҷиноятӣ, шаҳрвандӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ баррасӣ шуданд. Аксарияти муроҷиатҳо дар раванди қабули сайёр ҳал гардиданд.

Дар қабули сайёр 59 нафар шаҳрвандоне, ки барои рафтори ҷиноии худ ҷазоро адо мекунанд, аз кирдорашон пушаймон буда, хулосаи дахлдор баровардаанд ва комилан ба роҳи ислоҳ гузашта, минбаъд тарзи ҳаёти солимро пеш мебаранд, хоҳиш карданд, ки аз қисми боқимондаи ҷазо озод карда шаванд.

Дар ҳамин ҷо ҷамъомади суди сайёри шаҳри Самарқанд оид ба корҳои ҷиноӣ ташкил карда шуда, ҳар як парванда алоҳида муҳокима ва шикоятҳо қонеъ гардонида шуданд.

Ба шаҳрвандони аз ҷазо озодгардида ва ё ҷазояшон сабукшуда тавсия доданд, ки дар griномарказ касб омӯзанд. Се нафар маҳкумшудагон, ки хоҳиши таҳсилро доштанд, ба омӯзиши касби интихобкардаашон ҷалб карда шуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

***«Вохӯрии роҳбар ва ҷавонон»-и навбатӣ дар ноҳияи Каттақӯрғон бо иштироки сарвари Садорати вилоятии Хидмати амнияти давлатӣ А. Аҳмадов баргузор шуд.***

# ҶАВОНОНИ КАТТАҚӮРҒОНӢ ЧӢ МУШКИЛОТ ДОРАНД?

Дар вохӯрӣ, ки роҳбарони секторҳо ва масъулони ташкилотҳои мутасаддӣ иштирок карданд, муроҷиати беш аз 100 нафар ҷавононро шуниданд.

Дар оғоз ҷавонон барои огоҳ будан аз хатарҳои гуногуни иҷтимоӣ, ҳаракатҳои террористӣ ва экстремистӣ, ки дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон рӯй медиҳанд, даъват гардиданд.

— Соли 2022 фаъолияти гурӯҳи ҷиноӣ, ки қасди анҷом додани амали террористиро дар шаҳри Тошканд доштанд, пешгирӣ карданд, — гуфт роҳбари ХАД-и вилоят А. Аҳмадов. — Бино ба маълумотҳо дар байни онҳо донишҷӯён низ будаанд. Аз вазъи кунунии кишварҳои ҷаҳон хулоса бароварда, бояд аз имкониятҳое, ки барои таълим гирифтан, бо варзиш шуғл варзидан, забон, технологияҳои иттилоотӣ ва касбу ҳунар омӯхтани ҷавонони мо фароҳам гардидаанд, босамар истифода барем.

Дар рафти вохӯрӣ ҷавонон асосан аз рӯйи масъалаҳои оғози фаъолияти соҳибкорӣ, ҷудо кардани замин, кредити имтиёзнок, ривоҷдиҳии соҳаи технологияи ахбор, ташкили майдончаҳои варзишӣ, кушодани маркази таълимӣ ва ғайра муроҷиат карданд.

Дар рафти вохӯрӣ роҷеъ ба хато ва камбудиҳое, ки дар самти кор бо шаҳрвандони бекор, дар рӯйхати мигратсия ва пробатсия қарордошта, ҷавонони тарбияашон вазнин мушоҳида мешаванд, ҳарф зада, аз рӯйи ҳалли сариваќтии муаммоҳо ба масъулон супориш дода шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд**

# ДАР ПИЛЛАПАРВАРӢ УСЛУБИ НАВИ КОР ҶОРӢ МЕШАВАД

***3 майи соли равон Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи тезондани механизми ҷорӣ кардани усулҳои бозаргонӣ дар соҳаи пиллапарварӣ ва истеҳсоли абрешим» қабул карда шуд. Мувофиқи ҳуҷҷати мазкур дар тамоми ҳудудҳои ҷумҳурӣ ба роҳ мондани роҳи нави кор ва дар ин бобат зоҳир намудани эътибори махсус ба таъмин сохтани шуғли занону духтарон таъкид гардид.***



Аз ҷумла, дар вилояти Тошканд бахшида ба ҷараёни корҳои мазкур ва иҷрои вазифаҳои пешистода ҷамъомад баргузор шуд. Дар он муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон Зулайхо Маҳкамова ва ҳокими вилояти Тошканд Зоир Мирзоев иштирок карданд, дар ҷамъомад бобати оммавӣ кардани таҷрибаи пиллапарварони Ветнам мубодилаи афкор ба амал омад.

Аз ҷумла, вазифаҳои муносибати эҷодкорона ба таҷрибаи Ветнам, ба роҳ мондани тарзи нави кор, яъне ҷорӣ намудани услуби «Пиллахонаи марказонидашуда» муайян карда шуданд. Зикр гардид, ки дар ноҳияҳои Пискент, Бӯка, Чиноз ин кор аллакай оғоз ёфтааст. Дар ин ҷо бори аввал пиллахонаҳои марказонидашуда сохта шуданд, ки метавонанд дар як вақт 400 қуттӣ пилларо парвариш кунанд.

Тавре ки таъкид гардид, моҳи марти соли равон бо сарварии муовинони ҳокими вилоят ҳайате ба Ветнам рафта, таҷрибаи парвариши пилларо омӯхта баргаштанд.

Пиллапарварӣ соҳаи сердаромад аст. Созмон додани пиллахонаҳои марказонидашуда имкон медиҳад, ки соле панҷ маротиба кирмак парвариш карда шавад ва ин ба салоҳияти иқтисодии ҳудудҳои дахлдор саҳми назаррас хоҳад шуд. Баробари ин вай баҳри таъмин сохтани шуғли занону духтарон низ натиҷаи самарабахш медиҳад.

Ҳамчун маълумот бояд таъкид сохт, ки ҳоло дар вилоят 31 ҳазору 746 қуттии кирмак парвариш карда мешавад ва дар соҳа тақрибан 90 ҳазор аҳолӣ, асосан занону духтарон меҳнат мекунанд.

**Гулноза БОБОЕВА,**
**хабарнигори ЎзА.**

***Мо рӯзномахонони «Овози тоҷик»-ро бо ҳаёту фаъолияти яке аз равшанфикрони Бухорои асри XX, диншинос, хаттот, саҳҳоф, иштирокдори Ҷанги дуюми ҷаҳон Ҳоҷӣ Нарзуллоҷон Нуриддинов (1913-1981) шинос карда будем. («Овози тоҷик», 30.12.2023, №104).***

# ЁДБУДИ ҚОРӢ НАРЗУЛЛОҶОН

Дар хонадони фарзанди нахустини Қорӣ Нарзуллоҷон – Самия Нуриддинова маросими хотираи ӯ ба амал омад. Дар он раиси шӯрои вилоятии Бунёди «Нуронӣ» Самоиддин Ҳусенов, имом-хатиби масҷиди маҷмӯи «Баҳоуддин Нақшбанд» Ҳоҷӣ Ғафурҷон Раззоқов, наберааш, корманди калони илмии Институти шарқшиносии АИ Ўзбекистон, доктори илмҳои таърих Комилҷон Раҳимов, наздикон ва хешу ақрабои Ҳоҷӣ Нарзуллоҷон аз ҳаёту фаъолияти вай нақл карданд.

Суҳбати ҳозирон дар бораи фазилатҳои ба худ хоси Ҳоҷӣ Нарзуллоҷон, ҷараёнҳои ободгардонии зиёратгоҳҳои пиру авлиё, камбудиҳои дар ин бора ҷойдошта давом кард. Хотираҳои бобоён Фозил Идиев ва Салоҳиддин Латифов, ки бо Қорӣ хеле наздик буданд, барои иштироккунандагони давра шавқовар буд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# АЗ ОҚИБАТҲОИ НОХУШИ СӮХТОР БОЯД ПЕШГИРӢ КУНЕМ

***«Илоҷи воқеа – пеш аз вуқӯъ» гуфтаанд, ки ҳадаф аз он пешгирӣ намудани ҳодисаҳои нохушу номатлуб ва ҳифзи саломатии инсонҳо мебошад. Вазорати вазъиятҳои фавқулодаи ҷумҳурӣ ва бахшҳои минтақавии он, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ба пешгирӣ аз хатарҳои сар задани сӯхтор низ машғуланд, ҳамеша барои иҷрои чунин мақсадҳои нек талош меварзанд. Зеро дар фазои амну осуда зиндагӣ ва кор кардани аҳли ҷомеа аз вазифаҳои муҳим ва аввалдараҷаи тамоми кормандони соҳаҳои сӯхторнишон мебошад.***



Ширкати «Enter Engineering» таҳти шиори «Огоҳӣ, наҷот ва кумаки саривақтӣ» ба мардум хидмат мерасонад. Кормандони ширкат ба қоидаҳои бехатарии зидди сӯхтор риоя мекунанд. Ин қоидаҳо пеш аз шурӯи кор аз ҳозир намудани асбобҳои ибтидоии сӯхторхомӯшкунӣ (мисли дастгоҳи хурди оташхомӯшкун, намад, об ва ғайра) иборат мебошад.

Ногуфта намонад, ки дорои кормандони баландихтисос будани он яке аз бартариҳои рақобатпазирии гурӯҳ махсуб мешавад. Онҳо дар лоиҳаҳои гуногуни байналмилалӣ фаъолият намуда, соҳиби таҷрибаи бой гардидаанд. Ҳадафи сиёсати кадрии ширкати мазкур ташаккул ва рушди доимии як гурӯҳи муттаҳид аст, ки аз мутахассисон, менеҷерони олӣ ва коргарони одӣ иборат мебошад. Онҳо қодиранд мушкилоти истеҳсолӣ ва корпоративии ҳар сатҳи мураккабро то ҳадди имкон самаранок ҳал кунанд.

Ширкат тайи солҳои охир робита бо ташкилотҳои сохтмониро вусъат бахшидааст ва дар соҳаи пешгириву рафъи ҳолатҳои фавқулода, аз ҷумла сар задани сӯхтор аз ҳамкории мутақобила хеле босамар истифода мебарад. Мешавад гуфт, ки ғайр аз шабакаҳои сӯхторхомӯшкунӣ, инчунин ҳамкорони онро ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо ва ниҳодҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил медиҳанд. Зиёда аз ду ҳазор ходим барои аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд ва барои ҳарчи бештар огоҳ намудани онҳо чораҳои саривақтӣ пиёда мекунанд.

Барои ба аҳолӣ расонидани моҳияти масъала гузаронидани машқу тамринҳои огоҳкунанда дар пеши назари сохтмончиён, роҳбарони идораҳо ва мардуми маҳаллӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Вазифаи асосӣ, албатта, дар навбати аввал ҳифзи саломатии инсон, риояи техникаи бехатарӣ, пешгирӣ аз сӯхтори ногаҳонӣ, роҳҳои дурусти истифода аз неруи барқ, ҳифзи муҳити зист ва амсоли он мебошад.

Агар дар иншооту биноҳо олоту асбобҳои сӯхторхомӯшкунӣ ё ҳавзи обаш пур мавҷуд набошад, аллакай ин қоида вайроншуда маҳсуб мешавад. Аммо аз асбобу олоти мавҷуда ҳар як ходим зимни сар задани сӯхтор бояд истифода карда тавонад. Албатта, фаъол будани таҷҳизоти автоматикии аз сӯхтор огоҳкунанда ва мавҷудияти хати алоқаи доимӣ дар ин раванд хеле зарур шумурда мешаванд. Таҷриба нишон медиҳад, ки аксари сӯхторҳо дар натиҷаи хунукназарӣ ва бемасъулиятии одамони синну соли гуногун ба амал меоянд ва аз худ хисороти молӣ ва баъзан ҷонӣ бар ҷой мегузоранд, ки боиси таассуф аст.

Мисолҳои фаровон овардан мумкин аст, ки дар натиҷаи ба дасти кӯдакон афтидани гӯгирдчӯб чӣ ҳодисаҳои даҳшатафзо ба вуқӯъ пайвастаанд ва кӯдакон ба коми оташ фурӯ рафтаанд. Ё дар баъзе хонаводаҳо занҳо аз асбобҳои носоз бидуни эҳсоси масъулият истифода бурдаанд ва техникаи бехатарӣ риоя нашудааст. Дар натиҷа сӯхтор ба амал омада, аъзои хонаводаҳо тамоми дороии худро аз даст додаанд.

Ҳар як фарди ҷомеаи моро лозим аст, ки чи дар ҷойи кор ва чи дар манзили худ ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ риоя кунад. Дар акси ҳол муҷиби сар задани сӯхтор мегардад ва ҷони худу аъзои хонаводаашро ба хатари ҷиддӣ мувоҷеҳ месозад.

**Эркин ЭРМАТОВ, сармутахассиси бехатарии техникии ширкати «Enter Engineering Pte Ltd».**

*Шаҳри ФАРҒОНА.*

*Ба пешвози 100-солагии «Овози тоҷик»*

# БОҒДОРӢ ДАР ОКРУГИ ХУҶАНД

«Майдони корҳои боғдорӣ дар округи Хуҷанд» ном мақоларо аз рӯзномаи «Овози тоҷик» (№ 240, аз 28 июни соли 1928) хонда, ба маҳорати баланди боғдорони тоҷик, ки навъҳои беҳтарини зардолуро парвариш кардаанду онҳо ҳоло ҳам дар байни зардолуҳои ҷаҳон беҳамто мебошанд, бори дигар тасанно гуфтам. Чунончи, зардолуи Исфара дар симпозиуми умумиҷаҳоние, ки соли 1961 дар иёлоти Колифорнияи ИМА баргузор шуда буд, соҳиби медали тилло гардидааст. Гӯё ин пешомадро чандин сол муқаддам хабарнигори «Овози тоҷик» бо имзои мустаори «Самарқандӣ» пай бурда, мақолаашро бо таҳлил ва пешгӯйии пайомад ба чоп додааст. Таъкид доштааст, ки аллакай солҳои 20-уми садаи гузашта миёни кооперативи Иттифоқи хоҷагии деҳот бо деҳқонон барои ташкил кардани майдони боғдорӣ муоҳида баста шуд. Ба воситаи ҳамин муоҳида барои харҷи пешакӣ ба деҳқонони округи Хуҷанд 480 ҳазор сӯм қарз ҷудо карда шуд. Ҳоло ин пул ба деҳқонони камбағал ва миёнаҳол дода шуда истодааст.

Ғайр аз ин манфиате, ки соли гузашта Иттифоқи хоҷагии деҳот (ИХД) аз тайёр кардани мева гирифта буд, ба деҳқононе, ки соли гузашта меваҷоти худро ба воситаи ИХД фурӯхта буданд, ба ҳар пут 15 тин дода шуда истодааст. Бо сабаби нағз ба роҳ монда шудани корҳои ташкилии соли оянда фоида зиёд шуда, эҳтимол аст, ки боз ҳам ба деҳқонон зиёдтар фоида дода шавад. Бояд деҳқонон вақти зиёд гум накунанд, бинобар дар марказ хонаи қабули мева ташкил шуд. Деҳқонон ба он ҷо меваи худро мефурӯшанд. Ҳамчунин, ба борхона барои таъмин кардани деҳқонон бо молҳои фабрикӣ, саноатӣ, ғаллатайёркунӣ омодагӣ дида шуда истодааст. Дар оянда деҳқонон чизҳои даркории худро аз дуконҳои кооперативии матлуботи қишлоқ гирифта метавонанд.

«Ҳоло дар округи Хуҷанд хеле меваҳоро бо усули Амрико хушк мекунанд, – навиштааст муаллиф.

– Дар бозорҳои хориҷа мо бо меваҳои хушки Амрико мусобиқа карда истодаем. Имсол барои қоқи баргакро бо усули Амрико хушк кардан аз тарафи Иттифоқи хоҷагии деҳот ба деҳқонон доруи гӯгирд (олтингӯгирд) дода шуда истодааст».

Дар мақола боз омадааст: «Ба усули Амрико хушк кардани мева ба деҳқонон чанд афзалият дорад. Чунки меваи, аввал, аз чангу ғубор тоза хушк шуда, нархи зиёд дорад. Дуюм, меваe, ки бо ин усул хушк карда мешавад, назар ба офтоб хушк кардагӣ вазнинтар аст. Савум, меваҳое, ки вақти бо офтоб хушк кардан хароб мешаванд, бо усули амрикоӣ нағз хушк шуда, хароб (вайрон) намешаванд.

Дар соли 1928 ба майдони боғдорон ҳашароти зарарнок дар ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Конибодом хеле зарар расонид. Аз тарафи ташкилотҳо бо нияти нест кардани ҳашароти зараррасон хеле кӯшиш карда шуд. Ба ҳар ҳол, имсол ба сабаби сахт омадани зимистон дар округи Хуҷанд ҳосил миёнаҳол аст.

Бо вуҷуди ин ҳама, корҳои боғдорӣ дар музофот рӯ ба рушд ниҳодааст. Дар Конибодом фаъолияти як заводи мева давом дорад».

Дар ҳама давру замон мутахассисони соҳибмаълумот маҳаки пешбурди соҳа будаанду мебошанд. Татбиқи ин равандиояндасоз имрӯз дар бунёди Ӯзбекистони Нав низ ба мушоҳида мерасад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН, хабарнигори «Овози тоҷик».**




*Тараддуд*

# МАРҲАБО, БА ДИЁРИ ГУЛҲО!

***Намангонро беҳуда диёри гулҳо нагуфтаанд. Намангониён аз қадимулайём ҳаёти худро бе гул тасаввур карда наметавонанд. Ягон хонадон, корхона ва муассасае нест, ки дар гирду атрофи он гул парвариш карда нашавад. Оре, дар ҳар кӯчаву гузари ин вилояти водии Фарғона парвариши гул ба роҳ монда шудааст. Илова бар ин сол то сол шумора ва намуди гулҳое, ки гулпарварон парвариш мекунанд, меафзояд.***




63-сол мешавад, ки дар шаҳри Намангон гузаронидани Иди гул ба ҳукми анъана даромадааст. Дар он, на фақат аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, балки аз якчанд мамлакати хориҷӣ низ ташрифи меҳмонон ва дӯстдорони гул пешбинӣ мешавад. Тантанаҳои ҷашнвора аз дарвозаи рамзии вилоят бо иштироки мошинҳое, ки бо гулҳои рангоранг муҷаҳҳаз шудаанд, оғоз меёбад.

Шаҳру ноҳияҳо дар он бо рамзи ҳудуд ва урфу одатҳои худ, ки бо гулҳо ифода кардаанд, иштирок мекунанд. Аз ҷумла, янгиқӯрғониён кӯҳҳоро, чустиён якчанд намуди ҳунармандиро, попиён бошанд, «Қамчиқ»-ро, нориниён мавҷи дарёро, учқӯрғониён моҳиҳои фарелро бо гулҳои рангоранг ифода мекунанд. Корхонаву ташкилот низ «бренд»-и худро бо тарҳи гулҳо пешкаш мекунанд.

Иди гулҳо нафақат дар Боғи маданият ва истироҳати ба номи Заҳириддин Бобур, балки боз дар «Афсоналар водийси», дар мавзеи «Янги Ўзбекистон» ва «Адиблар хиёбони» низ баргузор мегардад. Дар ин ҳудуд бо иштироки санъаткорони номдор ва маҳаллӣ барномаҳои консертӣ ба роҳ монда мешаванд. Ҳамчунин гузаронидани якчанд чорабиниҳои маданию маънавӣ дар назар дошта шудаанд.

Қобили қайд аст, ки сармоягузорони хориҷӣ, ки дар вилоят бо соҳибкорӣ шуғл меварзанд, якчанд намуди гули кишвари худро дар ин ҷо намоиш медиҳанд.

Соли ҷорӣ «Ҷашнвораи гул» бо дарназардошти андеша ва дархости меҳмонон як моҳ не, 40 рӯз – аз 19 май то 23 июн давом мекунад.

Марҳабо, ба Намангон, ба диёри гулҳо!

**Шоҳида ДАМИНОВА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# МУЛОҚОТ БО УСТОДОН ВА ДОНИШҶӮЁН

***Ба қарибӣ ҳокими вилояти Самарқанд Эркинҷон Турдимов ба Донишкадаи давлатии педагогии Ӯзбекистон – Финляндия ташриф фармуда, бо профессор–устодони донишкада мулоқот кард.***

Дар рафти суҳбат масъалаҳои минбаъд ривоҷ додани фаъолияти донишкада, афзунсозии салоҳияти илмӣ, беҳсозии сифати таълим, такмили системаи бозомӯзии кадрҳои педагогӣ, роҳандозии технологияи муосири таълимӣ ва ғайра муҳокима гардиданд.

Дар доираи вохӯрӣ ҳоким бо корҳое, ки бобати ободонии донишкада амалӣ мегарданд, шинос шуд ва зарурати бунёди шаҳраки замонавии донишкадаро таъкид намуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Зикри хайр*

# МАРГИ СОҲИБДИЛ

Ё худ дар сӯгвории барандаи мукофоти миллии «Олтин қалам», ду карат дорандаи дараҷаи якуми ордени «Шараф», соҳиби ордени «Дӯстӣ» Аваз Йўлдош.

Ману акаи ягонаи Аваз – Неъматулло ваъдагӣ будем, ки даҳуми феврали соли равон дар маъракаи соли Саттор Турсун иштирок намуда (дар ҷанозаи нависанда низ ҳамроҳ будем) бозгашт бо Аваз ҳамроҳ меоем. Афсӯс, дареғу дард, ин хел нашуд. Баръакс, он рӯз хабари марги нобаҳангоми Аваз Йўлдош ба сари ҳама рафиқону пайвандон, аҳли деҳа бори ғусса овард. Аҷаб тасодуфҳои гарону сангин: рӯзи маросими соли устодаш, амаки решапайвандаш Саттор Турсун ба хоки носераму ҳарис супурда шуд Аваз...

Аслан талафоти гароне шуд марги се марди нотакрори фарҳангӣ аз деҳа, ки номбардори миллат буданд дар дуриҳои дур (Саттор Турсун, Аваз Йўлдош, Эркин Муқим). Ин ҷудоӣ, хусусан, барои ман сангину вазнин буд. Банда бо ҳар се нафар пайваста дар суҳбату мусоҳибаю мунозираҳои адабию фарҳангӣ будем. Имрӯз қариб танҳоем дар майдони мубоҳисаҳои адабӣ...

Бояд гуфт, Аваз Йўлдошу Эркини Муқим (Шоҳид) то хатми мактаб дар як синф, дар як парта нишаста, мактаби миёнаро бо медали тилло хатм намуда, боз ҳар ду таҳсилро дар якҷоягӣ дар гурӯҳи журналистии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон давом дода, ҳамроҳ хатм намудаанд.

Даҳуми октябри соли сипарӣ ба муносибати аъзои Академияи фахрии Тӯрон гардидани марди маҳфилорову фавқуззикр Адҳам Сафар дар бинои мактаби президентии ноҳияи Сариосиё бо ташаббуси ҳокимияти ноҳия ҷамъомади бошукӯҳе баргузор гардид. Дар он аз ноҳияи Бойсун банда, Неъмат Йўлдош, Шароф Карим ва шодравон Аваз Йўлдош даъватӣ будем. Баъди суханронии ҳокими ноҳияи Сариосиё садри маҷлис сухани табрикиро аз номи намояндагони Тоҷикистон ба Аваз Йўлдош дод. Он рӯз ӯ бо салобати хоса чун пайвандгари дӯстии халқҳои бародар – ӯзбеку тоҷик як баромади пурмазмуне кард, ки ба тамоми меҳмонони дуру пеш хуш омад.

Шодбошиҳои мардуми Тоҷикистонро аз сиёсати оқилонаи сарони кишварҳо Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон бо ҳисси қаноатмандӣ иброз медошт. Баъди анҷоми ҷамъомад сари як пиёла чой дар хонаи соҳибҷашн суҳбати мо хеле гарму ҷӯшон буд, атрофи адабиёту шеъру шоирӣ. Бо фахр ёд мекард аз муаллимони айёми мактабиаш. Хусусан, аз муаллими адабиёташ Салим Атоев. Бисёр афсӯс мехӯрд, ки аз китоби хотироти интишоршуда «Дар ёди падар» бехабар мондааст. Ӯ меафзуд, бисёр гуфтаниҳое доштааст, чун арзи сипос нисбати муаллими адабиёташ. Баъди зиёфат ман, Неъматуллоака ва Аҳмадхоҷӣ шодравон Авазро то сарҳади Тоҷикистон гусел кардем.

Дар вақтҳои нобасомонии мамлакати ҳамсоя низ ба ҷое фирор накард, баръакс вазъи сиёсии минтақаро чун журналисти таҳлилкор ба воситаи расонаҳои ахбор холисона баррасӣ намуд.

Ӯ таҷрибаи кориро пеш аз ҳама ҳангоми кор дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» («Тоҷикистони Советӣ») таҳти раҳнамоии устоди сахтгиру ҳалолкор Мазҳабшоҳ Муҳаббатшоев омӯхта буд. Аз ин рӯ, ҳамеша зери назорати ҳукумат буд ва вазифаҳои баланду муҳими давлатиро бо боварии комил ба ӯ месупориданд ва аз ӯҳдаи ҳамааш садоқатмандона мебаромад.

Ӯ аз рӯйи вазифаи журналистӣ барои таҷрибаомӯзию сафарҳои корӣ дар мамлакатҳои Туркия, Афғонистон, Амрико, Венгрия, Покистон шуда дар муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо ҳиссаи арзанда гузоштааст. Чун васлгари дӯстии халқҳо дар сафи пеш буд.

Вақте ки раиси Созмони Милали Муттаҳида Кофи Анан ба Тоҷикистон сафар намуда, аз кӯли Сарез дидан мекунад, Аваз Йўлдош дар ҳамроҳӣ бо гурӯҳи корӣ барои ҳалли холисонаи масъалаҳои атрофи кӯл ҳамчун намоянда фаъол иштирок менамояд.

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳангоми сафари дӯстонааш дар Тоҷикистон рафти ҷамъомади тантанавӣ дар шаҳри Хуҷанд соли 2022 махсус аз хидматҳои шоёни Аваз Йўлдош дар таҳкими дӯстии халқҳо ёдовар шуда, бо мукофоти «Олтин қалам»сарфароз гардонида шуданашро эълон менамояд. Бояд гуфт, он рӯз сарвари давлат боз номи як марди фозилу оқил, собиқ вазири таълими олӣ Абдуқодир Тошқуловро бо некӣ ба забон овард, ки ҳамдеҳаи Аваз Йўлдош мебошад. Ҳарду ҳам зодаю парвардаи деҳаи Пасурхии ноҳияи Бойсун мебошанд.

Хидматҳои фидокоронаи Аваз Йўлдош аз тарафи ҳукумати ҳар ду давлати бо ҳам дӯсту бародар қадр шудааст. Аз ҷониби Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ордени дараҷаи якуми «Шараф» ва худи ҳамон сол бо ордени «Дӯстӣ» сарфароз гардонида шудааст.

Аваз вақтҳои охир дар парастишу нигоҳубинии махсуси акаи ягонааш Неъматулло ва ҷиянҳои ҳимматпешаи меҳрубонаш Ҷӯрабеку Ҷонибек буд. Ҳама шароит фароҳам оварда буданд, дар шаҳри Тирмиз, зеро ин ҷо ба саломатию кайфияташ мусоиду мувофиқ буд. Аммо гурги аҷал марди соҳибдилро аз дасти онҳо бо сад ҳила рабуд.

**Салом АТОЕВ, омӯзгори тоифаи олии мактаби рақами 5-уми ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё.**

*Табиати кишвар*

# САРМЕШСОЙ – ОСОРХОНАИ ЗЕРИ ОСМОНИ КУШОД

***Расму аксҳои болои сахраву харсангҳо аввалин намунаҳои санъат ва сарчашмаи муҳими таҳқиқ ва омӯзиши таърих мебошанд. Дар онҳо рӯзгори гузаштагон, тарзи зиндагӣ, эътиқоди динӣ, машғулот ва одатҳои одамони қадим инъикос ёфтаанд. Дар расмҳо манзараи шикори ҳайвонот, ки аз машғулияти қадимтарини инсон будааст, бештар вомехӯрад.***

Аксҳои дараи Сармешсой воқеъ дар бағали қаторкӯҳҳои Қаротоғи ноҳияи Навбаҳори вилояти Навоӣ диққати бисёр олимони таърихшиносу археологро ба худ ҷалб намудаанд. Тибқи маълумоти олимон дар он 5-7 ҳазор сол муқаддам ҳайвонҳои ёбоӣ хонагӣ карда шудаанд. Ин ҳама дар тахтасангҳои ин мавзеъ тасвир ёфтааст. Дар онҳо задухӯрди шер, паланг, бабр барин ҳайвонҳои дарранда, бо ёрии гепарди ромшуда, ки дар таърих кам вомехӯрад, аз тарафи шикорчӣ сайд шудани наргови ёбоӣ акс шудаанд.

Тасвирҳои рӯйи харсангҳоро тамошо карда, ҳаёт ва зиндагии 7000 сол муқаддам пасисаркардаи одам пеши назар ҷилвагар мегардад. Сангҳо гӯё забон доранду ба мо аз аҳди куҳан ҳикоя мекунанд.

Петроглифҳо расмҳои одӣ нестанд, онҳо воқеиятро шарҳ медиҳанд. Чунончи, тасвири «Нур»-ро мушоҳида мекунем: дар тахтасанги лайс, ки расмҳои одамон аз поён ба боло тасвир ёфтааст, як мавзӯъ ва ё ғояе ҳаст. Одами дар поён тасвиршуда, ки сари ду зону нишастааст, кашф шудани оташ, тарзи фурӯзон намудани онро намоиш медиҳад. Шахси дуюм оташро, яъне машъалро дар даст гирифта равон аст. Шахси савум бошад, дар танӯр нон мепазад.Ин расм далел аз он аст, ки аҷдоди мо ба оташ эътиқоду эътимод доштаанд.

Дар дараи Сармешсой беш аз 10 ҳазор петроглифҳо кашф гардидаанд. Расмҳо асосан дар мобайни дара, ки тахтасангҳои зиёд дорад, дар масофаи 22,5 километр масофа тасвир ёфтаанд. Дара дар ҷануби қаторкӯҳҳои Нурато, аз шимолу шарқии шаҳри Навоӣ дар масофаи 30-40 километр воқеъ аст. Қисми зиёди расмҳои аз ин минтақа пайдогардида ба асри биринҷӣ, боқимонда ба давраҳои неолит, мезолит ва қисми дигар ба давраи асрҳои миёна нисбат доранд. Тасвирҳои давраи охирин матн ҳам дошта, бо алифбои арабиасос ба забони порсӣ дар бораи ҳаёт ва фаъолияти дарвешон маълумот медиҳанд. Дар баъзеи онҳо ҳайвонҳое тасвир ёфтаанд, ки ҳоло вуҷуд надоранд.

Корҳои ҳафриётӣ дар дараи Сармешсой солҳои 60-уми асри гузашта сурат гирифтааст. Аввалин экспедитсияи илмӣ аз ҷониби гурӯҳ таҳти роҳбарии Яҳё Ғуломов ташкил шудааст. Ҳуҷҷатикунонии расмҳои тахтасангҳо аз ҷониби муҳаққиқон Ҷ. Кабиров ва Б. Шалатонин идома ёфтааст. Ҳоло дар Сармешсой беш аз 200 иншооти ҳафриётӣ муайян гардидааст. Қабристонҳо, қӯрғонҳо, бошишгоҳҳои одамони қадим ва ғайра аз ҷумлаи иншооти ҳафриётӣ мебошанд.

Табиати рангину нотакрор дорад дара. Дар баҳор табиати дара боз ҳам мафтункору ҷаззоб мегардад. Дар ин ҷо беш аз 650 намуди рустанӣ вомехӯрад, ки ба 62 оилаи рустанӣ мансуб мебошанд. Аксари онҳо гиёҳҳои доруворӣ буда, баъзеашон ба «Китоби сурх»-и Ӯзбекистон шомил шудаанд.

Олами ҳайвоноти дара низ ҷолиб аст. Чанде аз онҳо ба «Китоби сурх»-и байналмилалӣ ворид карда шудаанд. Мори бузмак, уқоб, мори зард, кӯрмор, моҳии сиёҳ, кабк, бедона ва дигарҳо аз ҳамин қабиланд.

Имрӯз дараи Сармешсой тарҳ ва намои нав гирифтааст.Барои ба наслҳои оянда расонидани ёдгориҳои таърихии минтақа аз ҷониби давлат ғамхориҳои зиёд карда мешавад. Дар ҳудуди 5000 гектар боғи табиии «Сармеш» ташкил шудааст. Ин боғ дар асоси Қарор аз 3 декабри соли 2004 «Дар бораи ҳифзи ҳудудҳои табиӣ» таҳти назорат қарор дорад. Ҳамчунин Сармешсой аз 14 июли соли 2009 ба музей-мамнӯъгоҳи табиӣ-археологӣ табдил дода шуд.

Аз соли 2004 ба музей-мамнӯъгоҳи табиӣ-археологӣ сайёҳони зиёди хориҷиву дохилӣ меоянд. Бо мақсади ба сайёҳон муҳайё намудани имконоти саёҳат



ва истироҳат базаи сайёҳӣ ва «Ташрифгоҳ» бунёд гардидааст.

Осорхонаи табиӣ-археологии «Сармешсой» ҳамеша ба қабули сайёҳони хориҷиву дохилӣ омода аст.

**Фирдавс РАҲМОНОВ,**

*вилояти НАВОӢ.*

# ОМӮЗГОР, НАВИСАНДА ВА БОҒБОН



Соли 1961 дар оилаи амаки Муллофармон ва холаи Ибодат – бошандагони деҳаи зебоманзари ноҳияи Сӯхи бостониву бӯстонӣ тифле ба дунё омад. Волидайн бо орзуи он, ки писарак рӯзгори нуронӣ дошта бошад, ба ӯ номи Равшанро доданд.

Равшан аз хурдсолӣ ба кӯҳҳои сар бар фалаки деҳааш, ки гӯӣ офтоби оламоро ҳар субҳ аз паси онҳо тулӯъ мекард, нигариста дилаш аз фараҳ лабрез мегардид. Баҳори сабздомани деҳа гӯӣ шоире буд шеърҳояш пурбадеъ, оби чашмаҳои мусаффояш оби ҳаётро мемонд. Ҳар баҳор хандаи бесадои гулу лолаҳо гӯӣ кӯҳу дарахҳоро пурсадо мекард...

Амаки Муллофармон ва холаи Ибодат, ба ҷуз Равшан, бо номҳои Сунбулҷону Расулҷон ду писари дигар низ доштанд. Волидайн дар мисоли одамони ростгӯву ростқавлу баимон се писарро дар рӯҳи ростқавлӣ, инсонпарварӣ ва ватандӯстӣ тарбия карданд...

Боре холаи Ибодат, вақте бо аҳли оила барои истироҳат ба соҳили Чашмаи Сӯх рафта буданд, дар лаби чашма ба Равшан гуфт: «Дидӣ, писарам, оби чашмаи мо то ҷое поку беолоиш, ки регҳои таги онро метавон дид. Он ташнагии мавҷудоти зинда ва растаниҳоро мешиканад. Ту ҳам мисли чашмаҳо пок шав, ба одамон ҳамеша некӣ кун, хоксору фурӯтан бош. Ҳикмати об дар он аст, ки роҳ ба сӯйи пастӣ дорад, аммо одамон ба зону хам шуда, оби онро нӯши ҷон мекунанд».

Равшану бародаронаш пандҳои падару модарро, ки маҳсули таҷрибаи зиндагиашон буд, бо гӯши ҷон мешуниданд. Амаки Муллофармони механизатор тасмим гирифта буд, ки фарзандонашро, ба ҳар қимат мехононад. Ба орзуяш расид. Сунбулу Равшанҷон пешаи омӯзгориро интихоб намуданд, Расулҷон ҳуқуқшинос шуд...

Бачагии беғубори Равшан мисли бачагии ҳамсолонаш пурнишот гузашт. Яке аз рӯзҳо дар ёди ӯ нақши носутурданӣ гузоштааст. Якуми сентябри соли 1968, вақте по ба остонаи мактаби ба номи Абулқосим Фирдавсии деҳааш ниҳод, фикр мекард, ки кӯдаки хушбахттарини рӯйи олам аст. Чунин ба назар мерасид, ки на танҳо омӯзгори нахустинаш Нурулло Аъламов, балки хурду бузурги ин даргоҳи муқаддас ӯву ҳамсолонашро бо чеҳраи кушод ва табассум пешвоз мегиранд. Акнун вай хурд нест, дар баробари бачаҳои бузургсол ба мактаб меравад, хондану навиштанро ёд мегирад...

Равшани хушзеҳн тӯли даҳ соли таҳсил дар мактаб яке аз шогирдони пешқадам буд. Устодонро ростқавлию хоксорӣ ва хайрхоҳӣ барин хислатҳояш писанд омада буданд. Ҳамаи фанҳоро дӯст медошт. Вале аз дарсгӯии омӯзгори забон ва адабиёт – Мирзоҷон Исоев бештар хушаш меомад. Устод ба замми он, ки шеърҳои шоирони қадиму ҷадидро ифоданок қироат мекард, бо камоли донишу маҳорат парда аз рӯйи маънии ҳар як байт мебардошт...

Равоншодҳо Муаллими халқии Ӯзбекистон, омӯзгори эҷодкор Абдураҳим Беҳбуд ва амакаш, сармуҳаррири рӯзномаи «Садои Сӯх» Ғаниҷон Мӯъминҷонов низ, ки ба Равшан ҳаққи устодӣ доштанд, дасту дили ӯро ба адабиёт гарм мекарданд.

Падараш мехост, ки Равшан табиб шавад, вале аз чӣ бошад, ки мурғи орзуи журналист шудан дар дили ӯ лона гузошта буд. Дар муассисаҳои таълими олии Ӯзбекистон факулта ё гурӯҳҳои тоҷикие вуҷуд надоштанд, ки журналист, духтур, инженер ва кадрҳои хоҷагии деҳот тайёр кунанд. Танҳо дар донишгоҳҳои Самарқанд ва Бухорою Тирмиз чанд гурӯҳи тоҷикӣ фаъолият доштанд, ки кадрҳои педагогӣ омода мекарданд. Гӯё ба пешонии фарзандони тоҷики кишвар танҳо пешаи омӯзгорӣ навишта шуда бошад... Имрӯз низ вазъият тағйир наёфтааст. Яке аз сабабҳои фарзандони худро ба мактабҳои тоҷикӣ надодани падару модарони тоҷик ин иллат аст. Дар аҳди шӯравӣ довталабони мактабҳои миллӣ имтиҳонҳои давлатиро ба забони модарии худ супорида, таҳсилро, беишкол, дар муассисаҳои таълими олии ӯзбекӣ идома медоданд. Ҳам акнун имкон дорад, ки барои хатмкунандагони мактабҳои миллӣ тестҳоро ба забонҳои миллӣ ҷорӣ намоянд. Вале аз чӣ бошад, ки ин мушкил роҳи ҳаллашро намеёбад...

Равшан соли 1979, баъди хатми мактаб, ба мақсади дохил шудан ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, роҳи ин шаҳрро пеш гирифт.

Ба қавле, ҳумои бахт ба сари Равшан низ соя афканд, донишҷӯ шуд. Тӯли панҷ сол дар ин даргоҳи муътабар аз устодони сахтгиру меҳрбон Раҳим Муқимов, Солеҳ Ҳалимов, Талъат Абдуҷabборов, Ботурхон Валихоҷаев, Шавкат Шукуров, Ҳусейн Далилӣ ва дигарон илми забону адабиёт, алифбои ниёгон ва усулҳои сабақдиҳиро омӯхт. Доираи дониш ва ҷаҳонбиниаш то ҷое вусъат пайдо кард, ки худ ба навиштани шеъру ҳикоя пардохт. Машқҳояш, баъди муҳокима дар маҳфилҳои адабӣ, дар рӯзномаи деворӣи донишгоҳ ва нашрияҳои даврӣ рӯйи чопро мединанд.

Равшан, вақте диплом дар даст ба зодгоҳ баргашт, ӯро устодони мактаби азизаш гарм истиқбол намуданд. Омӯзгори ҷавон фурсати зиёде нагузашта дар байни ҷамоа ва шогирдони мактаб маҳбубият пайдо кард.

Мавсуф дар баробари омӯзгорӣ, дар матбуоти даврӣ бо хабару мақола, очерк, новелла ва ҳикояҳояш баромад мекард. Ҳикояҳояш бадеият ва банду басти қавӣ доштанд. Тақозои замон дар дарсҳои худ аз технологияҳои нави педагогӣ пурсамар истифода мебурд. Дар таълими забон бештар ба корҳои амалӣ эътибор медод. Таҷриба кардааст, ки ҳифзи пораҳои насрӣ аз ҷониби хонандагон дар зеҳни онҳо қолибҳои ҷумла ва ҷумласозиро ташаккул медиҳад...

Мавсуф бар он аст, ки дигар дар асоси грамматикаи русиасос наметавон сатҳи забондонии насли ҷавонро боло бардошт. Аз нигоҳи ӯ таълими фанни адабиёт бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки хонандагон на доир ба зиндагиномаи адибон, теъдоди абёт ва осори таълифнамудаи онҳо, балки мазмуну мундариҷаи осорашон маълумоти бештар дошта бошанд.Таҷриба нишон медиҳад, ки имрӯз дар кушодани дари маъниҳои ирфонии абёти Аттору Ҷалолуддини Балхӣ, Саноию Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон на танҳо мактабиён, балки омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик низ оҷизии худро эҳсос мекунанд...

Таҷрибаи корӣ ва донишу малакаи Равшанро ба назари эътибор гирифта, соли хониши 2019-2020 ӯро роҳбари мактаби рақами 10 таъин намуданд. Тӯли чаҳор соли фаъолият дар ин вазифаи сермаҳсул омӯзгори эҷодкор дар ҷорӣ кардани технологияҳои нави педагогӣ ва ҷиҳозонидани синфхонаҳо бо воситаҳои электронӣ кӯшиши зиёд ба харҷ дод. То солҳои роҳбарии ӯ хонандагон дар ду баст таҳсил мегирифтанд. Ин ҳолат дар роҳандозии машғулотҳои иловагӣ ишкол эҷод мекард. Шуъбаи таълими халқи вилоят, бо назардошти талаботи ҷамоаи омӯзгорон ва падару модарон, ба бунёди бинои нави таълимӣ дар шафати бинои пешина мусоидат намуд. Ҳоло хонандагон дар як баст таълим мегиранд.

Равшан чанд сол аст, ки дар насри бадеӣ, хоссатан, таълифи ҳикоя зӯри қалами худро меозмояд. Ҳикояҳои ӯ, ки банду басти қавӣ доранду воқеаву ҳодисаҳо дар онҳо боварибахш сурат гирифтаанд, дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ва дигар нашрияҳои даврӣ чоп мешаванд. Дар ҳамин шабонарӯзҳо ӯ китоби ҳикояҳояшро ба нашр омода месозад.

Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон Равшани Мӯъмин дар таълиф ва нашри дастуру китобҳои дарсӣ ва тарҷумаи онҳо низ саҳм мегузорад. Соли 2011 дар ҳаммуалифӣ барои синфҳои 1-ум «Китоби хониш»-ро таълиф намуд. Дастури методии «Раҳмат ба ту, Алифбо» (муаллиф Н.Юнусов) зери таҳрири ӯ рӯйи чопро дидааст. Дар ҳамкорӣ бо А.Тоҳириён китоби дарсии «Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ӯзбекистон»-ро тарҷума кард. Соли 2022 китоби дарсии «Биология»-ро (барои синфи 7) аз забони ӯзбекӣ баргардонд. Соли гузашта бошад, муҳарририи дастури «Информатика ва технологияҳои ахбор» (барои синфи 5) ба зиммаи ӯ буд.

Маҳсули хомааш дар маҷмӯаҳои дастҷамъии «Ҷилои ахтарони Сӯх», «Накҳати гулҳои Лазар»,«Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон» аз қарни бистум то кунун» (Теҳрон) ҷой гирифтаанд.

Тӯли солҳои омӯзгорӣ ва роҳбарии ӯ дастпарварони мактаб дар озмунҳои фаннии сатҳи ноҳияву вилоят ширкат ҷуста, ҷойҳои ба назар намоёнро ишғол кардаанд. Бо ташаббуси ӯву ҷамоаи муттафиқ ва ҳомигии ҷавонмардони деҳа китобхонаи фароху равшан, истироҳатгоҳи бачагона сохта шуд.Чанде қабл дар назди бинои китобхона, чун рамзи дӯстии азалию абадии халқҳои тоҷику ӯзбек, нимпайкараҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ гузошта шуданд. Доир ба фаъолияти ӯ ва ҳаёти мактабу мактабиён телевизиони Ӯзбекистону Тоҷикистон борҳо барномаҳои ҷолиб намоиш додаанд.

Равшан дар оғози соли хониш бо ихтиёри худ ба яке аз дастпарваронаш инони роҳбарии мактабро супурд. Гуфт, ки ба ту бовар дорам, ҳар гоҳ мушкиле пеш ояд, дар ҳаллу фаслаш кумак хоҳад кард.

Равшан тӯли чиҳил соли фаъолият дар соҳаи таълим ба масал боғбоне буд, ки ниҳолҳои ҷавони боғи маърифатро тарбия мекунад. Он ниҳолҳо қад афрохта, тановар шуданд ва ҳоло мева медиҳанд...

Боғбони боғи маърифат, ки деҳқонзода асту ба замин меҳри беандоза дорад, дар вақтҳои холӣ ҳамроҳи фарзандон мавзеи санглохеро обод намуда боғ бунёд кард. Ҳоло дар ин боғи зебо дарахтони ноку зардолу, олую шафтолу ва себу чормағз ба ҳосил даромадаанд. Дар байн қатори дарахтон сабзавоту полизиҳо корида мешаванд. Яъне, боғбони воқеӣ имрӯзҳо ба таъмини барномаи озуқаворӣ саҳм мегузорад. Дар ин кори савоб ҳамсару фарзандон ва наберагон ба ӯ аз наздик ёрӣ мерасонанд.

– Бо боғбонони соҳибтаҷриба робитаи зич дорам, – мегӯяд Равшан, – дар кори боғбонӣ низ кор бе таҷрибаивазкунӣ пеш намерафтааст. Дарахтони боғ низ мисли насли ҷавон ҳастанд, ки бояд ба парвариши онҳо эътибор дод. Дарахти каҷро агар дар ҷавониаш рост накунед, қоматаш рост намешавад. Мисли ҳамин каму кӯтаҳии ахлоқи ҷавононро сари вақт бояд ислоҳ намуд. Рӯйи эътибор гардондани роҳбари давлатамон ба соҳибкории хурд самараи худро дода истодааст: ҷавонон бо кор таъмин мешаванд, бозорҳо аз маҳсулоти кишоварзӣ пур. Агар аз ҳар ваҷаб қитъаи назди ҳавлӣ оқилона истифода бурда шавад, рӯзгорамон обод хоҳад шуд. Бояд ҳокимиятҳои маҳаллӣ ба боғбону деҳқонон аз наздик кумак расонанд. Дар кишварамон боғбону деҳқонони чашмикордон хеле зиёданд. Ҳокимиятҳои маҳаллӣ бояд корро тавре ба роҳ монанд, ки боғбону деҳқон ғами ба куҷо фурӯхтани маҳсулоташонро нахӯрад.

Соли равон роҳбари давлатамон дар видеоселекторе, ки бо боғбону деҳқонон ва роҳбарони маҳаллӣ дар ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё баргузор намуд, маҳз ба ҳамин ҷиҳати масъала – аз қитъаҳои наздиҳавлӣ рӯёндани ҳосили фаровон ва харидани меваву сабзавоти расондаи деҳқону соҳибкорон ишора кард.

Омӯзгор, нависанда ва боғбони боғи рӯзгор Равшани Муъмин ҳамроҳи ҳамсараш Зиёратбону, ки то синни нафақа мураббии кӯдакистони деҳа буд, чаҳор фарзанд: ду писар ва ду духтарро ба воя расонданд. Писари калонӣ – Музаффар устои чӯбкор аст, хурдӣ Алишер – боғбони ҷавон. Равшан 12 набераи дӯстрӯякашро ба навниҳолоне монанд мекунад, ки ба парвариш ва тарбияи дуруст ниёз доранд.

**А. СУБҲОНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*15 май – Рӯзи бузургдошти Абулқосим Фирдавсӣ*

# «ШОҲНОМА» ДАР ӮЗБЕКИСТОН



***Яке аз китобҳое, ки дар адабиёти ҷаҳон мақоми устувор дорад ва аз ҷониби олимони Ғарбу Шарқ ба сифати асари пурмуҳтаво эътироф гардидааст, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ мебошад ва муҳимтарин вазифае, ки асари мазкур дар давоми даҳ аср иҷро карда меояд, арҷ гузоштан ба забону фарҳанги ниёгон, зинда нигоҳ доштани таърихи халқи худ ва дӯст доштани Ватан аст.***

«Шоҳнома» гувоҳи устувориву пойдории забони форсии тоҷикӣ дар таърихи тамаддуни башар мебошад. Ҳамчунин, далели қотеъ барои онҳое буд, ки бузургиву шаҳомати ин забонро нодида мегирифтанд. Фирдавсӣ расо даҳ аср қабл қудрату тавонмандии вожаҳои ноби тоҷикиро дар амал татбиқ кард ва нишон дод, ки бо ин забон мешавад осори мондагор офарид. Аз дигар хусусиятҳои муҳимми асари мазкур он аст, ки ба инсонҳо дарси шуҷоату қаҳрамонӣ меомӯзонад. Рустам ҳазор сол боз чун тимсоли мағлубнопазир дар тафаккури миллии мо арзи ҳастӣ мекунад.

Барои дарку фаҳмиши мазмун ва муҳтавои «Шоҳнома» эҳтиёҷ ба тарҷума пайдо шуда буд, зеро дар забони асл хондану дарк кардани он чун дигар осори илмиву адабӣ барои ҳамагон имконпазир нест. Дар натиҷа садҳо тарҷума ба вуҷуд омад, ки ҳар яке ҷойгоҳи худро доранд. Нахустин тарҷумаи «Шоҳнома» ба забони арабӣ анҷом шуда буд. Имрӯз ба 26 забони дунё тарҷумаи он дар дастрас қарор дорад, ки тарҷумаҳои англисиву арабиву русиву франсузӣ ва туркиву ӯзбекӣ аз ҷумлаи онҳост.

Дар адабиёти Шарқ бисёр шоирон аз ин китоб таъсири фаровон гирифтаанд, ки зимни мутолиаи осори онҳо инро ба хубӣ ҳис кардан мумкин аст.

«Шоҳнома» ба осори шоирони туркзабон низ таъсир расондааст. Яке аз нахустин асарҳои бадеии адабиёти туркӣ «Қутадғу билиг»(Дониши раҳнамои саодат)-и Юсуф Хос Ҳоҷиб аст, ки дар пайравӣ ва вазни «Шоҳнома» эҷод шуда буд.

Дар давоми давраҳои гуногуни таърихӣ тарҷумаҳои назмиву насрии «Шоҳнома» ба миён омад, ки зиёд будани таваҷҷуҳи мардумро нисбати он нишон медиҳад.

Соли 1425 бо саъю ҳаракат ва муқаддимаи Бойсунқур Мирзо 41 нусхаи дастнависи «Шоҳнома» гирдоварӣ шуда, нусхаи ягона омода мегардад, ки бо иловаи 21 миниатюраи зебо музайян шуда буд. Адабиётшинос Ҳамидҷон Ҳомидӣ ин муқаддимаи Бойсунқур Мирзоро аз нахустин тадқиқотҳои «Шоҳнома» медонад. Тарҷумаи машҳури Хомӯшӣ, ки соли 1781 анҷом дода шуда буд, дар асоси ҳамин нусха ба амал омадааст.

Аз аввалин тарҷумаҳои насрии «Шоҳнома» ба забони қадими ӯзбекӣ достони Сиёвуш аст, ки аз ҷониби Ҳасан Муҳаммад ном адиби хоразмӣ соли 1497 сурат гирифта буд. Ҳамчунин, Шоҳ Ҳиҷрон аз достони «Бежан ва Манижа» то «Вафоти Искандар»-ро тайи солҳои 1750-1755 ба наср баргардон намуд. Хомӯшӣ дар тарҷумаи худ кори Шоҳ Ҳиҷронро идома медиҳад, ӯ асарро аз оғоз то достони Искандар ба насру назм тарҷума мекунад. Сабаби ба назму наср анҷом додани тарҷума ба мардум фаҳмо шудани хатти сужети достонҳо аст.

Нурмуҳаммад Бухорӣ, Очилдимурод Мирӣ ҳам ба тарҷумаи «Шоҳнома» даст зада буданд, аз ҷумла, О.Мирӣ, ки забони форсии тоҷикиро мукаммал медонисту соли 1884 достони «Раъно ва Зебо»-ро ба тоҷикӣ навишта буд, достони «Рустам ва Суҳроб»-ро бо вазни аслӣ тарҷума менамояд.

Баъди он ки дар Осиёи Марказӣ корҳои табъу нашр роҳандозӣ гардиданд, асари Фирдавсӣ бо номи «Шоҳнома»-и туркӣ» тибқи тарҷумаи Хомӯшӣ дар солҳои 1902, 1906, 1908, 1914 пайдарпай аз нашр бадар меояд. Ин кор бо ибтикори ношир, тоҷири китоб ва хаттоти ӯзбек Мир Махдум амалӣ шудааст. Садҳо миниатюрае, ки дар он мавҷуд аст, офаридаи дасти Абдураҳмони Себзорӣ мебошанд.

Дар давраҳои охир низ тарҷумаву тарғиби «Шоҳнома» идома ёфта, шоири ӯзбек Усмон Носир ҳаҷвияи Султон Маҳмудро ба назм баргардон кард, аммо ин тарҷума пешдар ҷое эълон нашудааст. Ҳ.Ҳомидӣ порчае аз онро дар китоби худ нақл мекунад.

Аз китоби «Достонҳои «Шоҳнома», ки дар нигориши насрии Сотим Улуғзода сурат гирифта буд, достони «Симурғ ва Зол» аз ҷониби шарқшинос Раҳмонхӯҷа Инъомхӯҷаев соли 1992 тарҷума ва нашр гардидааст.

Тарҷумаи сеҷилдаи «Шоҳнома» таҳти роҳбарии Ш.Шомуҳаммедов тайи солҳои 1975-1979 ба нашр мерасад, ки дар тарҷумаи он худи ӯ, Назармат, Ҳамид Ғулом, Ҷумъаниёз Ҷабборов, Маҳкам Маҳмуд ширкат варзидаанд.

Соли 2012 «Шоҳнома» ба таври интихобӣ бо баёни насрӣ ва таҳияи Ҳамидҷон Ҳомидӣ ба забони ӯзбекӣ ба нашр расид. Он дар асоси баёни насрии Ғуломмуҳаммад Тоҳир Муборак ба амал омадааст.

«Шоҳнома» аз ҷумлаи он асарҳоест, ки дар асрҳои миёна нусхае аз он қариб дар ҳар хонавода мавҷуд буд. Худи Темур ва шоҳони темурӣ низ ба он таваҷҷуҳ доштанд ва маҳфилҳои шоҳномахонӣ ташкил карда мешуд. Нусхаи дастнависи »Шоҳнома«-и Бойсунқур Мирзо аз нусхаҳои муътабари ин асари қиматбҳост, ки бо муқаддимаи худи Бойсунқур Мирзо таҳия гардидааст. Ӯ бо фарқ аз дигар шахсони мансабдор ба коре даст зад, ки як умр номаш ҳамчун шахси хирадманд ва ҳимоятгари фарҳангу адабиёт дар саҳфаи таърих сабт шуд.

Дар Ӯзбекистон роҷеъ ба Абулқосим Фирдавсӣ ва асари мондагори ӯ «Шоҳнома» даҳҳо мақолаву монографияҳо ба нашр расидаанд. Бо назардошти маҳорати шоирии Фирдавсӣ адабиётшинос Натан Маллаев монографияи «Абулқосим Фирдавсӣ»-ро таълиф кард. Муаллиф дар он хусусиятҳои муҳимтарини «Шоҳнома» ва арзиши адабии онро муайян намудааст. Шоислом Шомуҳаммедов дар асарҳои «Классикони адабиёти форстоҷик» ва «Гуманизм дар эҷодиёти классикони адабиёти форс-тоҷик» роҷеъ ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ фикру мулоҳизаҳои худро баён кардааст. Ӯ дар муқаддимаи тарҷимаи назмии «Шоҳнома» роҷеъ ба асари мазкур зикр мекунад: «Ғояи асосии «Шоҳнома» – бузург доштани Ватан, қудрати халқро ба намоиш гузоштан, васф кардани баҳодурони халқ мебошад». Олим роҷеъ ба қаҳрамони машҳури асар ҳам фикри ҷолиб дорад: «Рустам баҳодурест, ки таслим намешавад ва мағрур аст, аммо ба подшоҳи худ аз таҳти дил садоқат дорад. Ӯ балогардони ватану халқи худ мебошад. Дар ин роҳ ӯ аз ҷанги қаттол ҳам рӯ намегардонад.

Фирдавсӣ ҳар қадар Рустамро дӯст дорад ҳам, ӯро танҳо ба сифати маҷмӯаи хубиҳо тасвир намекунад, ӯро ба сифати одаме тасвир мекунад, ки аз камбудиҳо холӣ нест».

Аз олимоне, ки қисмати зиёди ҳаёти худро ба омӯзишу таҳқиқи ин асари пурқимат сарф намудаанд, устоди равоншод Ҳамидҷон Ҳомидӣ мебошад, ки соли 1967 дар мавзӯи «Дар бораи тарҷумаи ӯзбекии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» рисолаи номзадӣ ҳимоя карда, дар он ҷиҳатҳои муҳими тарҷумаи ӯзбекии асарро баррасӣ намуда буд. Олим соли 1991 таҳти мавзӯи «Шоҳнома» ва адабиёти ӯзбек» рисолаи докторӣ низ ҳимоя карда, муносибати ин шоҳасари Фирдавсиро бо осори адибони ӯзбек нишон дод.

Дар рисолаи Ҳ.Ҳомидӣ бо унвони «Фирдавсӣ ва адабиёти ӯзбек» роҷеъ ба тарҷумаи Хомӯшӣ, Нурмуҳаммад Бухорӣ, Шоҳ Ҳиҷрон, анъанаи фирдавсишиносӣ, «Шоҳнома» дар талқини Айнӣ мулоҳизаҳои пурқимати илмӣ баён мешавад. Ӯ дар соҳаи фирдавсишиносӣ саҳми муносиб гузошта, ҳам таъсири «Шоҳнома»-ро ба адабиёти ӯзбек таҳлилу баррасӣ намуд, ҳам ба хонандаи ӯзбек роҷеъ ба мазмун ва моҳияти асар маълумоти муфассал дод.

Устод Наҷмиддин Комилов дар китоби «Корвони тафаккур» симои Гурдофаридро аз нуқтаи назари Чернишевский таҳлил мекунад. Адабиётшинос Э.Очилов дар мақолаи худ таҳти унвони «Шоҳкитоби адабиёти Шарқ» саҳми Фирдавсӣ ва шоҳасари ӯро дар адабиёти ҷаҳон таъкид намудааст. Шарқшинос Ҷ.Холмуъминов дар мақолаи «Фирдавсӣ ва Европа» таҳқиқ ва тарҷумаи «Шоҳнома»-и Фирдавсиро аз ҷониби олимон ва мутарҷимони аврупоӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, нуфузу эътибори Фирдавсиро дар адабиёти Аврупо нишон медиҳад.

Аз олимон Шоислом Шомуҳаммедов барои саҳми назаррас гузоштан дар тарҷума ва тарғиби «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо байналмилалии Ҷоизаи байналмилалии ба номи Фирдавсии Эрон сазовор гардид. Ӯ барои муаррифӣ намудани чеҳраҳои адабиёти классикии форс-тоҷик ва осори гаронбаҳои онҳо корҳои мондагор анҷом дода буд, ки то имрӯз бо мамнуният аз тарҷумаҳояш истифода мекунанд.

Дар Ӯзбекистони Нав ба густариши муносибатҳои байнимиллӣ эътибори алоҳида дода мешавад. Натиҷаи ҳамин дастгирии ҳамаҷониба аст, ки бо ибтикори Президенти Ӯзбекистон 10 сентябри соли 2022 дар мавзеи Панҷоби Самарқанд муҷассамаи Фирдавсӣ қад афрохт. Он рамзи дӯстиву халқҳои ҳамҷавор аст.

Дар Ӯзбекистон ба омӯзиши осори илмиву адабии бузургони форсу тоҷик ҳамеша эҳтиёҷ буду ҳаст, зеро таърих, фарҳанг ва анъанаҳои ин ду халқ аз як реша сарчашма мегиранд ва Алишер Навоӣ бо такя ба таҷрибаҳои эҷодии суханварони форс-тоҷик асарҳои мондагоре офарид, ки то имрӯз барои равнақу ривоҷи адабиёти туркзабон хидмат мекунанд. Минҷумла, таъсири «Шоҳнома» дар асарҳои эпикии адибони ӯзбек бармало мушоҳида мешавад. Такроран тарҷума ва чоп шудани «Шоҳнома» дар ибтидои асри XX далели он аст, ки дар давраи оғозу ривоҷи ҳаракати ҷадидия ба худшиносӣ эътибори алоҳида дода мешуд ва ғояву мазмунҳое, ки дар он ифода гардидаанд, барои ҷадидон ба сифати дастуруламал ёрдам мекард.

«Шоҳнома» на танҳо ба забони ӯзбекӣ тарҷума шудааст, балки ғояҳои инсонпарвариву ахлоқии он ба эҷодиёти адибони ӯзбек таъсир расондааст, ҳамчунин, қаҳрамонҳои асар дар осори шоирону нависандагони туркзабон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар баробари ин чанд пешниҳод ироа мешавад, ки аз ҳар ҷиҳат муфид хоҳад буд: Якум, бо назардошти он ки то ҳол тарҷумаи мукаммали «Шоҳнома» ба забони ӯзбекӣ ба амал наомадааст, бояд адибон дар ҳамбастагӣ ин кори судмандро анҷом диҳанд, то ки хонандаи ӯзбек низ аз мазмун ва муҳтавои асар ба таври мукаммал хабардор шавад.

Дувум, таҳлили қиёсии «Шоҳнома» бо осори шоирони классики ӯзбек ва омӯзиши он дар замони салтанати Темуриёнро дар дараҷаи тадқиқоти илмӣ анҷом додан лозим аст, зеро ин ҷиҳатҳои асар то ҳол ба таври бояду шояд таҳқиқ нашудаанд ва ин метавонад барои мустаҳкам гардидани робитаҳои адабӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

**Хусрав ҲАМИДОВ,**
**ходими калони илмии Маркази тамаддуни исломии Ӯзбекистон, доктори фалсафа оид ба илмҳои филология (PhD).**

# ХОБГОҲИ НАВ БАРОИ ДОНИШҶӮЁН

***Дар филиали самарқандии Донишгоҳи технологияи иттилоотии ба номи Муҳаммад ал-Хоразмии Тошканд (TATU) маросими кушодашавии хобгоҳи нави донишҷӯён гузаронида шуд.***

Ҷонишини вазири технологияи рақамӣ Рустам Каримҷонов ҷамоаи омӯзгорон ва донишҷӯёни филиалро бо бинои нав табрик гуфта, доир ба ислоҳоти соҳаи технологияи рақамӣ ҳарф зад.

— Тӯли 3-4 соли охир дар Ӯзбекистон роҷеъ ба соҳаи технологияи рақамӣ корҳои шоёни таҳсин ба анҷом расонида шуданд, — гуфт ӯ. — Ҳоло дар миқёси ҷумҳурӣ теъдоди донишҷӯёне, ки дар самти технологияҳои иттилоотӣ таълим мегиранд, аз 51 ҳазор нафар афзудааст. Дар соли равон зиёда аз 12 ҳазор нафар донишҷӯ ин соҳаро хатм мекунанд. Барои онҳо ҷойҳои холии кор, ки ташкилотҳо и хориҷӣ пешниҳод мекунанд, мавҷуд аст. Вале мутахассисоне, ки ташкилотҳои хориҷӣ меҷӯянд ва барои худ лозим медонанд, дар мо камшуморанд. Мутаассифона, дар ин соҳа сифат хуб нест. Мо бояд бештар бобати сифат кор кунем ва кадрҳои рақобатпазир омода намоем.

Хобгоҳ барои 400 нафар донишҷӯ пешбинӣ шуда, ба маблағи 26 миллиард сӯм дар асоси шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ бунёд гардидааст. Ҳар як хонаи бино барои чор нафар донишҷӯ пешбинӣ шудааст ва дар он телевизор, кат, ҷевон, миз, рафи китобмонӣ мавҷуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 4222. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.